# ТАҲЛИЛИ МАҶАЛЛАҲОИ ТАҚРИЗШАВАНДАИ КОА – И ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар асоси ташхиси маҷаллаҳои илмӣ муайян гардид, ки аз 66 маҷаллаи амалкунанда, дар 42 маҷаллаи илмӣ талаботи бандҳои гуногуни «Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», (Қарори Раёсати Комиссия аз 27 апрели соли 2017, №1/2) риоя нашудааст:

**Ишораҳои шартӣ:**

“+”- камбудӣ ҷой дорад;

“-“ -тибқи тартиби ҷорӣ ба роҳ монда шудааст;

* -талаботи Қарори Раёсати Комиссия аз 27 апрели 2017, №1/2 риоя нагардидааст;

** -рӯйхати адабиёт тибқи талаботи ГОСТ ва талаботи худи маҷалла ба тартиб даровarда нашудааст;

*** -ҷой доштани мақолаҳое, ки бо истифода аз зеҳни сунъӣ таҳия шудаанд;

**** -дар Сомона /Elibrary (ШИИР) тибқи тартиби ҷорӣ (“+” камбудӣ ҷой дорад, “-“ камбудӣ ҷой надорад)

Дар зер маълумоти пурра пешниҳод мешавад:

| № | НОМИ МАҶАЛЛА | ISSN | Самти илм тибқи фармоиш | Соҳаи илм | Бандҳое, ки риоя нагар-дидаанд* | Рӯйхати адабиёт** | Зеҳни сунъӣ *** | Шумора дар Сомона /Elibrary**** | Меъёри иқтибос-овarии маҷаллаҳо (Импакт фактор) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | **“Суханшиносӣ”** (Институти забон ва адабиёти АМИТ) | 2308-7420 | 10.00.00 - филологӣ | - | - | + | + | -/- | 0,013 |
| 2. | **“Муаррих”** (Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АМИТ) | 2709-7382 | 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ, 05.26.00 - Иттилооти ҳуҷҷатӣ | - | - | + | - | -/- | 0,005 |
| 3. | **“Ахбори АМИТ”** | 2791-0717 | 03.00.00-Биология, 06.00.00-Илмҳои кишоварзӣ | - | - | + | - | Шумораи №3-2025 дар сомона ҷойгир нашудааст. | 0,017 |

| № | НОМИ МАҶАЛЛА | ISSN | Самти илм тибқи фармоиш | Соҳаи илм | Бандҳое, ки риоя нагардидаанд* | Рӯйхати адабиёт** | Зеҳни сунъӣ *** | Шумора дар Сомона /Elibrary**** | Меъёри иқтибосоварии маҷаллаҳо (Импакт фактор) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 4. | **“Нигаҳдории тандурустии Тоҷикистон”** (Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон) | 0514-2415 | 14.01.00 - Тибби клиникӣ, 14.02.00 - Тибби профилактикӣ, 14.04.00 - Илмҳои фарматсевтӣ | - | 21 | - | - | -/- | 0,156 |
| 5. | **“Маҷаллаи академии ҳуқуқ”** Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ) | 2305-0535 | 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат; 12.00.02 - Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ; 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ; 12.00.05 - Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ, 12.00.10 - Ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи Аврупо | - | 22 | + | - | Шумораи №3-2025 дар сомона ҷойгир нашудааст. | 0,229 |
| 6. | **“Гузоришҳои АМИТ”** | 2791-1489 | Илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ | - | 18,22 | + | - | -/- | 0,057 |
| 7. | **“Ахбори АМИТ”** | 2791-2337 | 01.01.00 - Математика, 01.04.00 - Физика, 02.00.00 - Химия | - | - | + | - | -/- | 0,041 |
| 8. | **“Паёми ДМТ”** | 2074-1847 | 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ, 09.00.00 - Илмҳои фалсафа, 13.00.00 - | - | 21, 22 | + | - | -/- | 0,076 |

| № | НОМИ МАҶАЛЛА | ISSN | Самти илм тибқи фармоиш | Соҳаи илм | Бандҳое, ки риоя нагар-дидаанд* | Рӯйхати адабиёт** | Зеҳни сунъӣ *** | Шумора дар Сомона /Elibrary**** | Меъёри иқтибос-оварии маҷаллаҳо (Импакт фактор) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Илмҳои педагогӣ | | | | | | |
| 9. | **“Паёми ДМТ”** (Бахши илмҳои табиӣ) | 2413-452X | 01.01.00 - Математика, 01.04.00 - Физика, 02.00.00 - Химия | + | 22 | + | - | Шумораи №3-2025 дар сомона ҷойгир нашудааст. | 0,363 |
| 10. | **“Паёми ДМТ”** (Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ) | 2413-5151 | 08.00.00 - Илмҳои иқтисодӣ, 12.00.00 - Илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 23.00.00 - Илмҳои сиёсӣ | + | 21, 22 | + | - | -/- | 0,431 |
| 11. | **“Паёми ДМТ”** (Бахши илмҳои филологӣ) | 2413-516X | 10.01.00 - Адабиётшиносӣ, 10.02.00 – Забоншиносӣ | - | 21, 22 | + | - | -/+* | 0,431 |
| 12. | **“Ҳаёти ҳуқуқӣ”** (ДМТ) | 2307-5198 | 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат; 12.00.02 - Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ; 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ; 12.00.10 - Ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи Аврупо, 12.00.14 - Ҳуқуқи маъмурӣ; мурофиаи маъмурӣ | | 21 | - | - | -/- | 0,443 |
| 13. | **“Паёми политехникӣ”** (ДДТ ба номи М.Осимӣ) | 2520-2227 | 05.00.00-Илмҳои техникӣ | - | 21 | - | - | -/- | 0,064 |
| 14. | **“Паёми политехникӣ”** (ДДТ ба номи М.Осимӣ) | 2520-2235 | Илмҳои табиӣ-математикӣ ва ҷамъиятӣ (08.00.00 - Илмҳои | - | 21 | - | - | -/- | 0,109 |

| № | НОМИ МАҶАЛЛА | ISSN | Самти илм тибқи фармоиш | Соҳаи илм | Бандҳое, ки риоя нагар-дидаанд* | Рӯйхати адабиёт** | Зеҳни сунъӣ *** | Шумора дар Сомона /Elibrary**** | Меъёри иқтибос-оварии маҷаллаҳо (Импакт фактор) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | иқтисодӣ) | | | | | | |
| 15. | **“Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон”** | 2308-054X | 08.00. 05 - Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ, 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият, 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, 08.00. 10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ, 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат | | 21, 22 | + | + | Шумораи №3-2025 дар сомона ҷойгир нашудааст. | 0,089 |
| 16. | **“Кишоварз”** (Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур) | 2074-5435 | Илмҳои кишоварзӣ, муҳандисӣ ва иқтисодӣ | - | 21, 22 | + | - | Шумораи №3-2025 дар сомона ҷойгир нашудааст. | 0,026 |
| 17. | **“Гузоришҳои Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон”** | 2218-1814 | 05.20.00 - Равандҳо ва мошинҳои системаҳои агроинженерӣ, 06.00.00 - Илмҳои кишоварзӣ, 08.00.00 - Илмҳои иқтисодӣ | - | 21 | + | - | -/- | 0,043 |
| 18. | **“Осори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон”** | 2412-141X | 12.00.00 - Илмҳои ҳуқуқшиносӣ | - | 21, 22 | - | - | -/+* | 0,023 |
| 19. | **“Номаи донишгоҳ”** (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ) (Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи | 2077-4990 | 07.00.00 - Таърих ва бостоншиносӣ, 10.01.00 - Адабиётшиносӣ, 13.00.00 - Илмҳои педагогӣ | - | 22 | + | - | Шумораи №3-2025 дар сомона ҷойгир нашудааст. | 0,041 |

| № | НОМИ МАҶАЛЛА | ISSN | Самти илм тибқи фармоиш | Соҳаи илм | Бандҳое, ки риоя нагар-дидаанд* | Рӯйхати адабиёт** | Зеҳни сунъӣ *** | Шумора дар Сомона /Elibrary**** | Меъёри иқтибос-оварии маҷаллаҳо (Импакт фактор) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Б.Ғафуров) | | | | | | | | |
| 20. | **“Номаи Донишгоҳ”** (силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ) (Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров) | 2077-4974 | 03.02.00 - Биологияи умумӣ, 08.00.00 - Илмҳои иқтисодӣ | - | 22 | + | - | Шумораи №3-2025 дар сомона ҷойгир нашудааст. | 0,016 |
| 21. | **“Иқтисодиёти Тоҷикистон”** (Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон) | 2310-3957 | 08.00.00 - Илмҳои иқтисодӣ | - | - | + | - | Шумораи №3-2025 дар сомона ҷойгир нашудааст. | 0,000 |
| 22. | **“Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф”** (Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ) | 2617-5320 | 13.00.00 - Педагогика, 19.00.00-Психология | - | - | + | - | Шумораи №3-2025 дар сомона ҷойгир нашудааст. | 0,039 |
| 23. | **“Илм ва фановарӣ”** (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) | 2312-3648 | 03.00.00 - Илмҳои биологӣ, 14.00.00 - Илмҳои тиббӣ | - | - | + | - | -/- | 0,018 |
| 24. | **“Идоракунии давлатӣ”** (Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) | 2664-0651 | 08.00.00 - Илмҳои иқтисодӣ, 12.00.00 - Илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 23.00.00 - Илмҳои сиёсӣ | - | 22 | - | - | -/+* | 0,015 |

| № | НОМИ МАҶАЛЛА | ISSN | Самти илм тибқи фармоиш | Соҳаи илм | Бандҳое, ки риоя нагар-дидаанд* | Рӯйхати адабиёт** | Зеҳни сунъӣ *** | Шумора дар Сомона /Elibrary**** | Меъёри иқтибос-оварии маҷаллаҳо (Импакт фактор) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 25. | **Паёми Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе** | 2709-6238 | 01.01.00 - Математика, 02.00.00 - Химия, 25.00.00 - Илмҳои заминшиносӣ | - | 16 | - | - | *+/- | 0,071 |
| 26. | **“Осиё ва Аврупо”** (Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ) | 2790-7198 | 6D020200- Муносибатҳои байналхалқӣ, 6D020900- Шарқшиносӣ, 6D051300- Иқтисодиёти ҷаҳонӣ | - | 21 | - | - | -/- | 0,000 |
| 27. | **“Паёми ҳуқуқ”** (Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон) | 2790-7570 | 12.00.02 - Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ; 12.00.03 - Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ; 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ; 12.00.09 - Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ; 12.00.10 - Ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи Аврупо | - | - | - | - | -/- | 0,007 |
| 28. | **“Модару кӯдак”** (Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон) | 2618-8430 | 14.01.01 - Момопизишкӣ ва бемориҳои занона, 14.02.03 - Сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ, 14.01.08 - Тибби атфол, 14.01.20 - Анестезиология ва | - | 21 | - | - | Шумораи №3-2025 дар сомона ҷойгир нашудааст. | 0,000 |

| № | НОМИ МАҶАЛЛА | ISSN | Самти илм тибқи фармоиш | Соҳаи илм | Бандҳое, ки риоя нагар-дидаанд* | Рӯйхати адабиёт** | Зеҳни сунъӣ *** | Шумора дар Сомона /Elibrary**** | Меъёри иқтибос-оварии маҷаллаҳо (Импакт фактор) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | реаниматология | | | | | | |
| 29. | **Маҷаллаи илмӣ-тиббии АвруОсиё «Сино»** (Ассотсиатсияи тандурустии ҷамъиятии Тоҷикистон) | 2707-5265 | 14.01.00 - Тибби клиникӣ, 14.02.00 - Тибби профилактикӣ, 14.04.00 - Илмҳои фарматсевтӣ | - | 21 | - | - | +*/- | 0,114 |
| 30. | **“Паёми Донишгоҳи омузгорӣ”** (бахши илмҳои табиӣ) | 2707-9996 | 02.00.00 - Химия, 03.00.00 - Биология, 25.00.00 - Илмҳои заминшиносӣ | - | - | + | - | -/- | 0,023 |
| 31. | **“Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз”** (Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) | 2075 – 9584 | 08.00.00 - Илмҳои иқтисодӣ, 22.00.00 - Илмҳои сотсиологӣ, 23.00.00 - Илмҳои сиёсӣ | - | - | + | - | -/- | 0,218 |
| 32. | **“Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон”** | 2707-8000 | 02.00.00 - Химия, 05.00.00 - Илмҳои техникӣ, 08.00.00 - Илмҳои иқтисодӣ | - | - | - | - | Шумораи №3-2025 дар сомона ҷойгир нашудааст. | 0,086 |
| 33. | **“Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав”** (самти илмҳои табиӣ) | 2663-6417 | Илмҳои табиӣ-математикӣ ва гуманитарӣ (07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ) | - | - | + | - | - | 0,035 |
| 34. | **“Паёмномаи фарҳанг”** (Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот) | 2306-6423 | 05.25.03 - Китобхонашиносӣ, библиографияшиносӣ, 10.01.10 - китобшиносӣ, 10.01.10 - Рӯзноманигорӣ, 17.00.01 - | - | 21, 22 | - | - | Шумораи №3-2025 дар сомона ҷойгир нашудааст. | 0,000 |

| № | НОМИ МАҶАЛЛА | ISSN | Самти илм тибқи фармоиш | Соҳаи илм | Бандҳое, ки риоя нагар-дидаанд* | Рӯйхати адабиёт** | Зеҳни сунъӣ *** | Шумора дар Сомона /Elibrary**** | Меъёри иқтибос-оварии маҷаллаҳо (Импакт фактор) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Санъати театрӣ, 17.00.02 - Санъати мусиқӣ, 24.00.01 - Назария ва таърихи фарҳанг | | | | | | |
| 35. | **“Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон”** (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) | 2414-9217 | 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат; 12.00.02 - Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ; 12.00.03 - Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ; 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, 12.00.09 - Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ | - | - | + | - | - | 0,333 |
| 36. | **“Паёми Донишгоҳи Хоруғ”** (Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев) | 2664-5696 | 01.01.00 - Математика, 05.00.00 - Илмҳои техникӣ, 13.00.00 - Илмҳои педагогӣ | | 21, 22 | + | - | Шумораи №3-2025 дар сомона ҷойгир нашудааст. | 0,000 |
| 37. | **“Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ”** | 2616-5260 | 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ, 10.00.00 - Илмҳои филологӣ, 13.00.00 - Илмҳои педагогӣ | - | 21 | + | - | - | 0,000 |

| № | НОМИ МАҶАЛЛА | ISSN | Самти илм тибқи фармоиш | Соҳаи илм | Бандҳое, ки риоя нагардидаанд* | Рӯйхати адабиёт** | Зеҳни сунъӣ *** | Шумора дар Сомона /Elibrary**** | Меъёри иқтибосоварии маҷаллаҳо (Импакт фактор) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 38. | **“Паёми Донишгоҳи давлатии Данғара”** | 2410-4221 | 01.01.00 - Математика, 01.04.00 - Физика, 02.00.00 - Химия | + | - | + | - | Шумораи №3-2025 дар сомонаҳо ҷойгир нашуааст. | |
| 39. | **“Паёми Донишгоҳи омузгорӣ”** (бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ) | 2710-4672 | 09.00.00 - Илмҳои фалсафа, 12.00.00 - Илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 23.00.00 - Илмҳои сиёсӣ | - | - | - | - | -/- | 0,006 |
| 40. | **“Паёми Донишгоҳи забонҳо”** (Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) | 2226-9355 | 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ, 10.00.00 - Илмҳои филологӣ, 13.00.00 - Илмҳои педагогӣ | - | | | | Шумораи №3-2025 дар сомона ҷойгир нашудааст. | 0,027 |
| 41. | **“Паёми Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе”** | 2709-6246 | 08.00.00 - Илмҳои иқтисодӣ, 10.02.00 - Забоншиносӣ, 12.00.00 - Илмҳои ҳуқуқшиносӣ | - | 21 | - | - | -/- | 0,071 |
| 42. | **“Масъалаҳои илмҳои гуманитарӣ”** (АМИТ) | 2708-308X | 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ, 10.01.00 - Адабиётшиносӣ, 10.02.00 - Забоншиносӣ | + | - | + | - | Шумораи №3-2025 дар сомона ҷойгир нашудааст. | - |

| № | МАЪЛУМОТНОМА ОИД БА КАМБУДИҲО: |
|---|---|
| 1. | **“Суханшиносӣ” ISSN:2308-7420**<br>1) Тибқи талаботи маҷалла, рӯйхати адабиёти мақолаҳои банашррасида бояд на камтар аз 15 адабиётро дар бар гирад. Аммо мақолаҳои зиёде дар шумораҳои банашррасидаи маҷалла бо овардани камтар аз 15 адабиёт мушоҳида мешавад.<br>Дар шумораи №1 соли 2025 **ду мақола** бо чунин камбудӣ ба нашр расидааст***: Саъдуллозода У.Қ. – 14 адабиёт, Зайдуллозода С.З. – 13 адабиёт.***<br>2) Дар шумораи №2, соли 2025 **бошад 1 мақола** бо чунин камбудӣ ба нашр расидааст. (Аскар Ҳаким – 9 адабиёт истифода шудааст)<br>3) Тарзи истифодаи нодурусти адабиёт тибқи талаботи ГОСТ<br>Масалан: Дар шумораи №1, саҳифаи 205-и маҷалла оварда шудааст:<br>*tgpu. Tj htt //www. Tgpu.tj 2023/02 Салим Тағоев, устоди ДДОТ ба номи С.Айнӣ. Оину суннатҳои Меҳргон аз нигоҳи шоирон (мақолаи илмӣ).*<br>Инҷо пайванд (линк) нодуруст нишон дода шуда, санаи муроҷиат оварда нашудааст.<br>4) Таҳлил ва барномаҳои муайянкунандаи таҳияи матн тавассути зеҳни сунъӣ нишон дод, ки бо эҳтимолияти 80% мақолаи *Saidzoda H.A., Asadova M.R. Some peculiarities of the translation of political literature and terms in English and Tajik languages* бо истифода аз зеҳни сунъӣ таҳия шудааст. Инчунин, дар мақолаи мазкур **(с. 36-и маҷаллаи №2, 2025)** ба адабиёти 18 иқтибос оварда шудааст, ҳол он ки шумораи адабиётҳои мақола ҳамагӣ 17-то мебошанд.<br>Ба ғайр аз иқтибоси зикршуда, дигар адабиётҳо ҳамчун иқтибос истифода нашудаанд. |
| 2. | **“Муаррих” ISSN:2709-7382**<br>1) Дар шумораи №1, 2025 мақолаҳое ҷой доранд, ки на ба ҳамаи сарчашмаҳои овардашуда истинод карда шудааст. *Масалан: Дар мақолаи Мадамидҷонова З.М. ҳамчун адабиёт 13 сарчашма нишон дода шудааст, аммо аз сарчашмаҳои 1 ва 2 дар дохили матн умуман иқтибос оварда нашудааст.*<br>2) Дар талаботи маҷалла оварда шудааст, ки адабиёт бояд тибқи тартиби ҳуруфи алифбо ва талаботи ГОСТ нишон дода шаванд. Аммо дар ҳамаи мақолаҳо чунин талабот риоя нагардидааст. *Масалан: Мақолаи Ҳамза Камол, саҳифаи 12 адабиёт аз рӯйи тартиби ҳуруфи алифбо оварда нашудааст.*<br>3) Дар шумораи №2, 2025 ҳам мақолаҳое ҷой доранд, ки на ба ҳамаи сарчашмаҳои овардашуда истинод карда шудааст. *Масалан: Дар мақолаи МИРЗОЕВ Ҷ.А., АЗИЗУЛЛОЗОДА М.Н ҳамчун адабиёт 12 сарчашма нишон дода шудааст, аммо аз сарчашмаи 1 дар дохили матн умуман иқтибос оварда нашудааст.* |
| 3. | **“Ахбори АМИТ” (шуъбаи илмҳои биология ва тиббӣ ) ISSN:2791-0717**<br>1) Дар талаботи банди 1-и Қоидаҳо барои муаллифон оварда шудааст, ки шумораи адабиёт набояд аз 15 адад зиёд бошад, аммо дар шумораи №1, 2025 мақола бо чунин камбудӣ нашр шудааст. *Масалан: Мақолаи Ҳакимов Ф.Р. – 32 адабиёт (саҳифаи 39)*<br>2) Дар шумори №2, 2025 талаботи банди 1-и Қоидаҳо барои муаллифон риоя нагардидааст. Дар ин шумора низ мақолаҳо бо зиёда аз 15 адабиёт нашр шудаанд. *Масалан: Мақолаи Алиев У.К. ва дигарон – 19 адабиёт (саҳифаи 56)* |
| 4. | **“Нигаҳдории тандурустии Тоҷикистон” ISSN:0514-2415** |

| | |
|---|---|
| | Талаботи банди 21-и Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Раёсати Комиссия аз 27 апрели 2017, №1/2) риоя нагардидааст. Мувофиқи банди мазкур, ҳар маҷалла бояд сомонаи расмӣ дошта бошад ва дар он маълумот бо 3 забон пешкаши истифодабарандагон гардад. Аммо, дар сомонаи мазкур имкони интихоби забони тоҷикӣ вуҷуд надорад. |
| **5.** | **“Маҷаллаи академии ҳуқуқ”:**<br>1) +*Талаботи банди 22-и Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Раёсати Комиссия аз 27 апрели 2017, №1/2) риоя нагардидааст. Мувофиқи банди мазкур, ҳар шумораи маҷалла бояд дар давоми то 3 моҳ аз лаҳзаи чоп ба шохисҳои илмӣ ворид карда шавад, аммо шумораҳои №1, 2024 ва №1, №2, 2025 дар ШИИР ва шумораи №3 соли 2025 дар  сомонаи расмӣ ва ШИИР ҷойгир карда нашудаанд.<br>2) Дар шумораи №1, 2025 адабиёти истифодашуда дар мақолаҳо тибқи талаботи ГОСТ барасмият дароварда нашудааст. Масалан, Дар мақолаи Муҳаммадиев И.С. (саҳифаи 50) – сарчашмаҳои электронӣ оварда шудаанд, аммо санаи мурочиат дарҷ нагардидааст.<br>3) Дар шумораи болозикр мақолаҳое вуҷуд доранд, ки дар онҳо рӯйхати адабиёт оварда шудааст, аммо дар дохили матн ба он истинод нишон дода нашудааст. *Масалан: Мақолаи Алиназарова К.Ф. (саҳифаи 81) – ҳамагӣ 24 адабиёт нишон дода шудааст, аммо ба сарчашмаи №23 ягон истинод оварда нашудааст.* |
| **6.** | **“ Гузоришҳои АМИТ” ISSN:2791-1489**<br>1) Талаботи банди 22 Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Раёсати Комиссия аз 27 апрели 2017, №1/2) риоя нагардидааст. Мувофиқи банди мазкур, ҳар шумораи маҷалла бояд дар давоми то 3 моҳ аз лаҳзаи чоп ба шохисҳои илмӣ ворид карда шавад, аммо шумораи №6, 2025 дар ШИИР илова карда нашудаст.<br>2) Дар талаботи банди 3-и Қоидаҳо барои муаллифон оварда шудааст, ки шумораи адабиёт на бояд аз 15 адабиёт зиёд бошад, аммо дар шумораи №1, 2025 мақолаҳо бо чунин камбудӣ нашр шудаанд. *Масалан: Мақолаи Тухлиев Д.К. – 19 адабиёт (саҳифаи 27), Ёрова Б.С. ва дигарон – 16 адабиёт (саҳифаи 73;*<br>*3)* Дар шумораҳои чопии №3 ва №4 соли 2025  мушоҳида гардид, ки онҳо ҳамчун идомаи нашрҳои №1 ва №2 саҳифабандӣ шудаанд. Яъне, ҳамчун ҷузъи мустақил пешниҳод нагардида, нашри №2 (2025) аз саҳифаи 91 оғоз мешавад, нашри №3 (2025) аз саҳифаи 197 оғоз шуда, нашри №4 (2025) бошад аз саҳифаи 301 оғоз гардидааст;<br>4) дар баъзе мақолаҳои илмӣ 4 ва 5 муаллиф дида мешавад, аммо теъдоди саҳифаҳои чопшуда каманд. Масалан, дар нашри №3 (2025) саҳифаҳои 240-247 6 муаллиф ва ҳаммуаллифон, дар саҳифаҳои 279-283 5 муаллиф ва ҳаммуаллифон (5 саҳифа) дарҷ гардидааст. Хуб мешуд ҳангоми таҳияи мақолаҳои илмӣ ҳиссаи муаллифӣ муқаррар мегардид. Чунин амал дар нашри №4 (2025) саҳифаҳои 393-397 (5 муаллиф) ва ғайраҳо ба назар мерасад;<br>5) дар зери мақолаҳои нашргардида ном ва насаби муқарриз дарҷ нагардидааст, ки ин хилофи талаботи банди 18-и Қоидаҳои таҳияи Феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшаванда мебошад;<br>6) расму тасвирҳои саҳифаҳои 385, 387, 395, 396, 408 нашри №3 (2025) ва саҳифаҳои 263, 264, 273, 288, 289 нашри №4 (2025) маълумоти нашршудаи сифаташ паст доранд ва ё ба забони хориҷӣ пешниҳод шудаанд, ки барои таҳлили воқеии маводи мақола мушкилӣ эҷод мекунад.<br>7) Тибқи талаботи маҷалла барои муаллифон рӯйхати адабиёт на бояд камтар аз 15 адад бошад, аммо дар шумораи №3-2025 мақолае, ки дар саҳифаҳои 225-232 ба нашр расидааст 21 рӯйхати адабиётро ташкил мекунад. |
| **7.** | **“Ахбори АМИТ” ISSN: 2791-2337** |

| | |
|---|---|
| | 1) Дар талаботи банди 1-и Қоидаҳо барои муаллифон оварда шудааст, ки шумораи адабиёт набояд аз 15 зиёд бошад, аммо дар шумораи №1, 2025 мақолаҳо бо чунин камбудӣ нашр шудаанд. *Масалан: мақолаи Қобилзода А.М. ва дигарон – 23 адабиёт (саҳифаи 117)*<br>2) Дар шумораи №2, 2025 ҳам чунин камбудӣ ҷой дорад*: мақолаи Зарифзода С.Қ., Мирзоев Ҷ.А. – 18 адабиёт (саҳифаи 28)*<br>*3)*Дар мақолаҳои банашррасида хулоса дида намешавад. Инчунин, дар зери мақолаҳои маҷаллаи мазкур номи муқарриз сабт нагардидааст, ба истиснои мақолаи саҳифаҳои 52-59 нашри №1, соли 2025 |
| **8.** | **“Паёми ДМТ” ISSN:2074-1847**<br>1) Талаботи банди 21-и Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Раёсати Комиссия аз 27 апрели 2017, №1/2) риоя нагардидааст. Маҷаллаи мазкур бояд дар як сол 12 шумора нашр шавад, аммо то ҳол ба ҷои 8 шумора танҳо 6 шумора нашр шудааст.<br>2) Талаботи банди 22-и Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Раёсати Комиссия аз 27 апрели 2017, №1/2) риоя нагардидааст. Шумораҳои №7 ва №8, 2025 дар ШИИР илова карда нашудаанд.<br>3) Дар талаботи банди 10-и Қоидаҳо барои муаллифон оварда шудааст, ки шумораи адабиёт на бояд камтар аз 15 адад бошад, аммо дар шумораи №1, 2025 мақолаҳо бо чунин камбудӣ нашр шудаанд. *Масалан: мақолаи Мирзоев Ф.А. – 14 адабиёт (саҳифаи 124), Амондуллоев Б.С. – 12 адабиёт (саҳифаи 149)*<br>4) дар шумораи №6, 2025 низ мақолаҳо бо чунин камбудӣ нашр шудаанд*: мақолаи Маҳмадзода У.Д. – 13 адабиёт (саҳифаи 60), Рустамзода М.Р. – 14 адабиёт (саҳифаи 129)* |
| **9.** | **“Паёми ДМТ” (бахши илмҳои табиӣ) ISSN: 2413-452X**<br>1) Талаботи банди 22-и Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Раёсати Комиссия аз 27 апрели 2017, №1/2) риоя нагардидааст. Мувофиқи банди мазкур ҳар маҷалла бояд дар давоми то 3 моҳ аз лаҳзаи чоп ба шохисҳои илмӣ ворид карда шавад, аммо шумораи №2, 2025 дар ШИИР илова карда нашудаст.<br>2) Дар талаботи банди 12-и Қоидаҳо барои муаллифон оварда шудааст, ки шумораи адабиёт на бояд камтар аз 15 адад бошад, аммо дар шумораи №1, 2025 мақолаҳо бо чунин камбудӣ нашр шудаанд. *Масалан: мақолаи Юмагулов М.Г., Орипов Т.С. – 13 адабиёт (саҳифаи 25)*<br>*3) +*Дар сомонаи Elibrary соли 2022 – 3 шумора ва соли 2025 - 1-шумораи маҷалла гузошта нашудааст*<br>4) дар маҷалла мақолаҳои самти дигари илм нашр шудаанд. Масалан: дар шумораи №1 (2025) дар бахши илмҳои математикӣ (01.01.00-Математика) мақолаи муаллифон Рустамова Х.Р. ва Комилов О.О. (саҳ. 49-58) аз самти илмҳои иттилоотӣ (барномасозӣ) мебошад, ки ба рамзи соҳаи математика шомил гардидааст. Ҳол он ки тибқи феҳристи ихтисосҳои кормандони илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақолаи зикршуда ба зерихтисоси 05.13.11 Таъминоти математикӣ ва барномавии мошинҳои ҳисоббарор, комплексҳо ва шабакаҳои компютерӣ мувофиқ аст. Чунин ҳолатҳо дар шумораи №2 (2025) маҷаллаи мазкур ба назар мерасад. Масалан дар бахши илмҳои математикӣ (01.01.00-Математика) мақолаҳои Комилов О.О. (саҳ 13-23), Ғафоров А.Б. (саҳ 68-79) ва Салман А., Одинаев Р. бо ҳамин шакл ба чоп роҳандозӣ гардидааст;<br>5) мақолаи Пежмон Ҷаъфарӣ дар шумораи №1 (2025) маҷаллаи мазкур (саҳ. 71-76) чоп шудааст, ки дар он истилоҳоти соҳаи математикӣ ғалат истифода гардидаанд. Масалан дар матни мақола калима ва ибораҳое ба монанди “мутадовил”, “мубтанӣ”, “мутааддӣ”, “мувассақ”, “мавонеъ”, “маътуф”, “истинтоҷ”, “чандбуъдӣ”, “таҳаррук”, “авомил” “фоиқ” “хилоли” зиёд истифода гардидааст, ки дарки мақоларо ба хонанда мушкил мегардонад. Хуб мешуда, ки дар мақолаҳои самти илмҳои техникӣ аз вожаву |

| | |
|---|---|
| | истилоҳоти самти илмҳои дахлдоре, ки дар забони тоҷикӣ таҳия гардидаанд истифода карда шавад. |
| **10.** | **“Паёми ДМТ” ISSN:2413-5151**<br>Зимни таҳлили маҷаллаи “Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон” муайян гардид, ки бисёре аз мақолаҳои дар шумораи 6, соли 2025 нашргардидаи маҷаллаи мазкур ба талаботи Қоидаҳои феҳристи маҷаллаҳои тақризшаванда ҷавобгӯ намебошанд.<br>Масалан, мақолаи 1-уми маҷалла зери унвони “ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ УПРАВЛЕНИЯ СИСТЕМОЙ ЗДРАВООХРАНЕНИЯ И ФАРМАЦИИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН”, ки ба Раҷабзода Фаридун Кишвар тааллуқ дорад, тибқи банди 10-и талабот бояд мақола дорои на камтар аз 15 номгӯи адабиёт бошад. Аммо мақола аз 9 номгӯи адабиёт иборат буда, дар дохили матн ягон иқтибос аз номгӯи адабиёти истифодашуда оварда нашудааст. Ҳол он ки номгӯи адабиёти ба муаллиф тааллуқдошта набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиёти мақоларо ташкил диҳад.<br>Эроди дигари мақолаи мазкур дар он аст, ки мақола ба самти тиб дахл дошта, муаллифи он низ номзади илмҳои биологӣ мебошад, аммо дар силсилаи илмҳои иқтисодӣ мақола нашр намудааст, ки хилофи банди 11-и Талабот аст. Бояд номгӯи адабиёт бо нишон додани саҳифаи он дарҷ гардад, аммо ин талабот умуман риоя нагардидааст. Ҳамчунин, дар зери мақола тибқи талаботи дигар мақолаҳо мебоист номи муқарризе, ки вобаста ба мақолаи мазкур тақризи илмӣ пешниҳод намудааст, қайд мегардид, аммо муқарриз зикр нашудааст.<br>Вобаста ба мақолаи Ходиев Д.А. ва Маҳмадалиев Н.К. қайд менамоем, ки манбаъҳои истифодашуда ба таври номушаххас ҷой дошта, дар мақола саҳифаи он нишон дода нашудааст. Масалан, муаллиф зикр кардааст, ки зери адабиёти рақами 5 чунин андешаҳо дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дорад, аммо маводи овардааш на дар як саҳифаи Паём, балки дар матнҳои алоҳида дар саҳифаҳои гуногун оварда шудааст, вале муаллиф онро ҳамчун нутқи айнан нақлшуда зикр доштааст. На ҳамаи адабиётҳо истифода гардида, талабот оид ба меъёри номгӯи адабиёт истифода нашудааст. Дар мақолаи мазкур низ иқтибос аз адабиёти 11 оварда нашудааст. |
| **11.** | **“Паёми ДМТ” (бахши илмҳои филологӣ) ISSN:2413-516X**<br>1) Талаботи банди 21-и Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Раёсати Комиссия аз 27 апрели 2017, №1/2) риоя нагардидааст. Маҷаллаи мазкур дар як сол 12 бояд шумора нашр шавад, аммо то ҳол ба ҷои 8 шумора танҳо 4 шумора нашр шудааст.<br>2) Талаботи банди 22-и Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Раёсати Комиссия аз 27 апрели 2017, №1/2) риоя нагардидааст. Шумораҳои №4, 5, 6, 7 ва №8, 2025 дар ШИИР ворид карда нашудаанд.<br>3) Дар талаботи банди 10-и Қоидаҳо барои муаллифон оварда шудааст, ки шумораи адабиёт на бояд камтар аз 15 адад бошад, аммо дар шумораи №1, 2025 мақолаҳо бо чунин камбудӣ нашр шудаанд. *Масалан, мақолаи Турди-Аханова И.А – 14 адабиёт (саҳифаи 121)*<br>*4)* +* *Дар сомонаи маҷалла дар соли 2025 4- шумора ба чоп расидааст ва дар Elibrary бошад 3 шумора ҷойгир карда шудааст.* |
| **12.** | **“Ҳаёти ҳуқуқӣ”ISSN:2307-5198**<br>Талаботи банди 21-и Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Раёсати Комиссия аз 27 апрели 2017, №1/2) риоя нагардидааст. Мувофиқи банди мазкур, ҳар маҷалла бояд сомонаи расмӣ дошта бошад ва дар он маълумот бо 3 забон пешкаши истифодабарандагон гардад. Аммо, дар сомонаи мазкур имкони интихоби забони англисӣ вуҷуд надорад. |
| **13.** | **“Паёми политехникӣ” (бахши таҳқиқоти муҳандисӣ) ISSN:2520-2227**<br>Талаботи банди 21-и Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Раёсати |

| | |
|---|---|
| | Комиссия аз 27 апрели 2017, №1/2) риоя нагардидааст. Мувофиқи банди мазкур, ҳар маҷалла бояд сомонаи расмӣ дошта бошад, аммо 3 маҷаллаи ДДТ ба номи М.Осимӣ дар як сомона ҷойгир карда шудааст, ки хилофи талаботи банди мазкур мебошад. |
| **14.** | **“Паёми политехникӣ” (бахши интеллект, иноватсия, инвеститсия) ISSN:2520-2235**<br>Талаботи банди 21-и Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Раёсати Комиссия аз 27 апрели 2017, №1/2) риоя нагардидааст. Мувофиқи банди мазкур, ҳар маҷалла бояд сомонаи расмӣ дошта бошад, аммо 3 маҷаллаи ДДТ ба номи М.Осимӣ дар як сомона ҷойгир карда шудаанд, ки ин амал хилофи талаботи банди мазкур мебошад. |
| **15.** | **“Паёми ДДТТ” ISSN:2308-054X**<br>1) Талаботи банди 21-и Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Раёсати Комиссия аз 27 апрели 2017, №1/2) риоя нагардидааст. Дар сомонаи маҷаллаи мазкур маълумот барои муаллиф кушода намешавад.<br>2) +*Талаботи банди 22-и Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Раёсати Комиссия аз 27 апрели 2017, №1/2) риоя нагардидааст. Шумораи №2, 2025 дар ШИИР илова карда нашудааст.<br>3) Инчунин, рӯйхати адабиёти мақолаҳо тибқи талаботи ГОСТ ба тартиб оварда нашудааст. *Масалан,мақолаи Тураева М.Т. – 11.https://helios.su/blog/553-predstavlen-rejting-energoeffektivnosti-stran (саҳифаи 411).* Инҷо номи сомона ва санаи муроҷиат қайд нагардидааст.<br>3) Таҳлил ва барномаҳои муайянкунандаи таҳияи матн тавассути зеҳни сунъӣ нишон доданд, ки бо эҳтимолияти 60% мақолаи *Тураева М.Т. (саҳифаи 405-411)* бо истифода аз зеҳни сунъӣ таҳия шудааст.<br>4) Дар шумораи №1 ва №2 соли 2025, мақолаҳое ҳастанд, ки дар онҳо рӯйхати адабиёт мавҷуд аст, аммо дар матни мақола ба онҳо истинод оварда нашудааст. *Масалан, мақолаи Абдураҳмон Х., Хамитов М.С. (шумораи №1, 2025 – С. 23) ҳамагӣ 20 сарчашма ҳамчун адабиёт нишон дода шудааст, аммо танҳо ба адабиётҳои 6, 12, 14, 16, 17, 18, 19 истинод оварда шудааст.*<br>5) Дар сомонаи Elibrary соли 2024 2-шумора ҷойгир намудаанд. |
| **16.** | **“Кишоварз” ISSN:2074-5435**<br>1)Талаботи банди 21-и Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Раёсати Комиссия аз 27 апрели 2017, №1/2) риоя нагардидааст. Мувофиқи банди мазкур ҳар маҷалла бояд сомонаи расмӣ дошта бошад ва дар он маълумот бо 3 забон пешкаши корбарон гардад. Аммо, дар сомонаи мазкур имкони интихоби забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ вуҷуд надорад.<br>2) +*Шумораҳои №4, 2024, №1 ва №2, №3 - 2025 дар Elibrary нашр карда нашудаанд.<br>3) Дар шумораи №1 ва №2 соли 2025 мақолаҳое ҳастанд, ки дар онҳо рӯйхати адабиёт мавҷуд аст, аммо дар матни мақола ба онҳо истинод оварда нашудааст. *Масалан, мақолаи Исматуллозода Б (шумораи №2, 2025 – С. 338) ҳамагӣ 13 сарчашма ҳамчун адабиёт нишон дода шудааст, аммо танҳо ба адабиётҳои 1, 2, 3, 4, 10, 11 истинод оварда шудааст.* |
| **17.** | **“Гузоришҳои Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон” ISSN:2218-1814**<br>1)Талаботи банди 21-и Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Раёсати Комиссия аз 27 апрели 2017, №1/2) риоя нагардидааст. Тибқи он маводҳои дар 2 соли охир бачопрасида бояд бо дастрасии озод дар сомона нашр карда шуда бошанд, аммо дар сомонаи маҷаллаи мазкур танҳо шумораҳои №4, 2024 , №1 ва №2-и 2025 нашр карда шудаанд.<br>Инчунин, тибқи талаботи банди мазкур дар сомонаи маҷалла дар банди “Қоида барои муаллифон” маълумот нашр карда |

| | |
|---|---|
| | нашудааст, ки ин боиси сарсонии довталабон мегардад.<br>2) Рӯйхати адабиёти мақолаҳо дар шумораҳои №1 ва №2, 2025 тибқи талаботи ГОСТ ба расмият даровaрда нашудааст. Масалан, дар мақолаи Шоазизова М.Д. ва дигарон (№2, 2025) – дар саҳифаи 212-и мақола ба сарчашмаи [14] истинод оварда шудааст, ҳол он ки шумораи адабиётҳои мақолаи мазкур ҳамагӣ 9 адад мебошад. |
| **18.** | **“Осори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ISSN:2412-141X**<br>1)Талаботи банди 21-и Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Раёсати Комиссия аз 27 апрели 2017, №1/2) риоя нагардидааст. Мувофиқи ин банд ҳар маҷалла бояд сомонаи расмӣ дошта бошад ва дар он маълумот бо 3 забон пешкаши истифодабарандагон гардад. Аммо, маҷаллаи мазкур сомонаи алоҳида надошта, маводҳои худро дар сомонаи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр менамояд.<br>2) +*Талаботи банди 22-и Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Раёсати Комиссия аз 27 апрели 2017, №1/2) риоя нагардидааст. Шумораҳои №4, 2024, №1 ва №2, 2025 дар ШИИР нашр карда нашудаанд. |
| **19.** | **“Номаи донишгоҳ” (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ) ISSN:2077-4990**<br>1) +*Талаботи банди 22 Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Раёсати Комиссия аз 27 апрели 2017, №1/2) риоя нагардидааст. Шумораи №2, 2025 дар ШИИР нашр карда нашудааст.<br>2) Дар шумораҳои №1 ва №2 соли 2025, мақолаҳое ҳастанд, ки дар онҳо рӯйхати адабиёт мавҷуд аст, аммо дар матни мақола ба онҳо истинод оварда нашудааст. *Масалан, мақолаи Раззоқова Т. (шумораи №1, 2025 – С. 221) ҳамагӣ 15 сарчашма ҳамчун адабиёт нишон дода шудааст, аммо танҳо ба адабиётҳои 1, 4, 7, 9, 10, 11, 15 истинод оварда шудааст.*<br>Истифода ва риояи имлои забони тоҷикӣ яке аз самтҳои муҳим дар интишори мақолаҳои илмӣ ба шумор меравад. Мутаассифона, дар маҷаллаи мазкур мақолаҳое рӯи чоп омадаанд, ки дар онҳо пур аз хатоҳои имлоӣ ва грамматикии забони тоҷикӣ мебошанд. Масалан, дар бахши илмҳои таърих мақолаи Ҷабборзода Иброҳим Раҳмат дар ҳаҷми 2 саҳифа чоп шудааст, ки 25 хатои имлоӣ дорад. Дар мақолаи зикршуда тибқи талаботи таҳияи мақолаҳо бояд шрифти Times New Roman истифода гардад, аммо дар мақолаи мазкур ин талабот риоя карда нашудааст, ки ин метавонад ба паст гардидани сифати мақолаҳо таъсир расонад. Ҳамзамон, тибқи талаботи журнал мақолаҳое дар он таълиф мегарданд, ки DOI дошта бошанд, аммо дар маҷаллаи мазкур ин талабот риоя нагардидааст.<br>Дар бахши илмҳои таърих, ки дар маҷмуъ 14 мақола чоп шудааст 6-тои он хулосабарорӣ карда нашудаанд.<br>Дар №1 ва 2 (82-83)-и “Номаи донишгоҳ”( силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ) 6 мақола дар самти илмҳои таърих ба табъ расида, дар 3-тои он бидуни натиҷагирӣ ҷамъбаст шудаанд. |
| **20.** | **“Номаи Донишгоҳ” (силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ) ISSN:2077-4974**<br>1) +*Талаботи банди 22-и Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Раёсати Комиссия аз 27 апрели 2017, №1/2) риоя нагардидааст. Шумораҳои №1 ва №2, 2025 дар ШИИР нашр карда нашудааст.<br>2) Дар шумораҳои №1 ва №2 соли 2025, мақолаҳое ҳастанд, ки дар онҳо рӯйхати адабиёт мавҷуд аст, аммо дар матни мақола ба онҳо истинод оварда нашудааст. *Масалан, мақолаи Ҷумаев А.Қ. (Шумораи №1, 2025 – С.80) ҳамагӣ 16 сарчашма ҳамчун адабиёт нишон дода шудааст, аммо ба 6 адабиёт истинод оварда шудааст.* |
| **21.** | **“Иқтисодиёти Тоҷикистон” ISSN:2310-3957**<br>1) Дар шумораҳои №1 ва №2 соли 2025 мақолаҳое ҳастанд, ки дар онҳо рӯйхати адабиёт мавҷуд аст, аммо дар мақола ба онҳо |

| | |
|---|---|
| | истинод оварда нашудааст. *Масалан, мақолаи Махмадризоева Н.М. (шумораи №2, 2025 – С.156) ҳамагӣ 17 сарчашма ҳамчун адабиёт нишон дода шудааст, аммо ба адабиётҳои 3, 5, 7, 8, 10 истинод оварда шудаасту халос.*<br>2) Дар шумораҳои №1 ва №2 соли 2025 барасмиятдарории истинодҳо тибқи талаботи ГОСТ ба расмият дароварда нашудааст. Масалан, м*ақолаи Махмадризоева Н.М. (шумораи №2, 2025 – С.156) дар сарчашмаи 11.Погосян Н.В. Трансформатсияи баҳисобгирии стратегии идоракунӣ дар давраи рақамӣ. Нақши иқтисоди рақамӣ дар таҳкими амнияти иқтисодии кишвар. Маводҳои конференсияи байналхалқии илмию амалӣ. Грозний; 2019: 96-102. URL: https://chspu.ru/wpcontent/uploads/2020/07/rol-czifrovoj-ekonomiki-v-ukreplenii.pdf* санаи муроҷиат нашр карда нашудааст. |
| **22.** | **“Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф” ISSN:2617-5320**<br>Дар талаботи маҷалла бояд рӯйхати адабиёт аз 10 то 25 ададро ташкил кунад, аммо дар шумораи №1, соли 2025 мақолаи 1-уми маҷалла бо номи “Фаъолияти инноватсионӣ омили педагогии рушди таҳсилот ва беҳдошти сифати таълими фанни таърихи халқи тоҷик”, ки ба Маҳкамов Д. ва Маҷидзода Ҷ. С. таалуқ дорад 10 адабиёт оварда шудааст, вале ҳамаи онҳо истифода нагардидаанд. Ҳамзамон, дар мақолаи Каримова И. Х. ва Утамуродова М. А. маҷаллаи мазкур ки дар саҳифаи 18-23 бо номи “Использование приёмов мнемотехники в развитии монологической речи у студентов” чоп шудааст, рӯйхати адабиёт 6 ададро ташкил мекунад, ки хилофи талаботи қабулнамудаи маҷаллаи мазкур мебошад.<br>Ҳамин камбудӣ дар мақолаҳои довталабони зерин дида мешавад:<br>1. Маҷидова Б.,Маҳмадқулова О. С. “Арзишҳои таҳаммулгароӣ дар осори Ҷалолуддини Балхӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ (саҳ 39-44) Имомназаров Д. “Баҳодиҳӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон дар шароити таҳаввулот ва тағйироти замони муосир” (саҳ 10-18), дар мақолаи мазкур дар маҷмуъ 9 адабиёт истифода гардидааст, вале аз ягонтои он дар мақола иқтибос оварда нашудааст. |
| **23.** | **“ Илм ва фановарӣ” ISSN:2312-3648**<br>Тибқи талаботи маҷалла рӯйхати адабиёт бояд на камтар аз 15 адад бошад. Дар мақолаи Зубайдова Л.А., Табаров М., Шоева М.С., Ятимова П.О. бо номи “Дар бобати пешгирии бемории табби хунини эбола дар байни аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки дар саҳифаи 63-70 ба нашр расидааст, 17 рӯйхати адабиёт нишон дода шудааст, вале дар матни мақола ягон адабиёт чун иқтибос истифода нашудааст. Гарчанде дар талаботи маҷалла шумораи умумии рӯйхати адабиёт 15 адад нишон дода шуда бошад ҳам, вале дар бархе мақолаҳо меъёри гузошташуда риоя нагардидааст. Масалан, дар мақолаи Навруззода Г.Ф бо номи “Разработка безопасных лекарственных препаратов на основе экстракта зверобоя и аргининсодержащего дипептида” ки дар саҳифаи 117-123 ба нашр расидааст рӯйхати адабиёт 10 ададро ташкил медиҳад. |
| **24.** | **“ Идоракунии давлатӣ” ISSN:2664-0651**<br>*Мутобиқи талаботи банди 22 Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашрия бояд дар яке аз шохисҳои (индексҳои) иқтибосоварии илмии миллӣ ё байналмилалӣ ба қайд гирифта шуда, ба он оид ба мақолаҳои илмии чопшуда дар муҳлати 3 моҳ аз лаҳзаи барориши шумораи дахлдори нашрия маълумот пешниҳод намояд. Мутаассифона, маҷаллаи мазкур то ҳол дар сомонаи Elibrary шумораи №2 соли 2025-ро ҷойгир накардааст.<br>Зимни таҳлили шумораи №1 соли 2025 муайян карда шуд, ки дар он мақолаҳое ба чоп мерасанд, ки мазмун ва муҳтавои он ба талаботи мақола мувофиқат намекунанд. Аз ҷумла:<br>1. Мақолаи **Аминов М.М. таҳти унвони «Идоракунии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ»**, ки дар саҳифаҳои 267 то 273 маҷаллаи илмию сиёсии «Идоракунии давлатӣ» ба табъ расидааст (тақриздиҳанда номаълум). |

| | |
|---|---|
| | Натиҷаҳои экспертиза далолат мекунад, ки мақола дорои камбудиҳо ва норасоиҳои ҷиддии зерин мебошад:<br>- дар мақола мақсаду вазифаҳо муайян набуда, муаллиф ба таври возеҳ ҳадафи таҳқиқот, масъалаи асосӣ ва объекти таҳлилро нишон надодааст ва мақола бештар хусусияти тавсифӣ дорад, на таҳлилӣ;<br>- сохтори мақола номуназзам буда, пайдарпайии мантиқии матн дида намешавад ва баъзе қисматҳо такрор мешаванд;<br>-асоси назариявии мақола ноқис буда, муаллиф ба назарияҳои идоракунии давлатӣ, мафҳумҳои муосири «governance», «ғайримарказонӣ» ва дигар қоидаҳои илмии ҳуқуқи конститутсионӣ такя накардааст;<br>- дар мақола бештар ба тавсифи конститутсияҳо, қонунҳо ва таҷрибаи кишварҳои дигар аҳамият дода, арзёбии илмӣ ва таҳлили қиёсӣ сарфи назар шудааст;<br>- таҳлили амалӣ ҷавобгӯи талабот нест, зеро дар мақола мушкилот ва камбудии фаъолияти мақомоти иҷроия ва худидоракунии маҳаллӣ дар Тоҷикистон баррасӣ нагардидааст. Масалан, масъалаҳои молиявӣ, кадрӣ ва шаффофияти фаъолияти мақомоти маҳаллӣ умуман боз нашудаанд;<br>- таҷрибаи Ӯзбекистон ва Қазоқистон танҳо тавсиф шудааст, вале бардошт ва хулосаҳои илмӣ (чӣ гуна метавон барои Тоҷикистон истифода кард) мавҷуд нест, яъне муқоиса бо дигар кишварҳо сатҳист;<br>- дар калидвожаҳо ибораи «ҷомеаи шаҳрвандӣ» оварда шудааст, аммо дар матн таҳлил нест;<br>- адабиётҳои истифодашуда асосан кӯҳна буда, ба солҳои шӯравӣ ва аввали истиқлол тааллуқ доранд (масалан, китобҳои солҳои 1972, 1981, 1985). Дар ҳоле ки барои баланд бардоштани илмияти мақола таҳлили манбаъҳои муосир (пас аз 2015) ва тадқиқоти олимони дохил ва хориҷи кишвар ба мақсад мувофиқтар мебуд;<br>- истинодҳо нодуруст ва нопурра нишон дода шудаанд, дар баъзе ҷойҳо ишора ба адабиёт (масалан, [1], [8, с.129]) ҳаст, вале дар матн на ҳамеша возеҳ аст, ки кадом андеша аз кадом манбаъ иқтибос шудааст;<br>- мақола пур аз ҷумлаҳои тӯлонӣ ва такрор аст, ки хонандаро хаста ва мутолиаи онро мушкил месозад;<br>- дар мақола ҷамъбасти мушаххас, пешниҳодҳои амалии илмӣ ва натиҷагирӣ дида намешавад. Қисмати асосии мақола, ки онро хулосаҳо ташкил медиҳад номукаммал аст;<br>- чунин ба назар мерасад, ки хонанда пас аз мутолиаи мақола маълумоти нав ва таҳлили амиқ дарёфт накарда, бештар тавсифи қонунҳо ва таҷрибаи маълумро мебинад.<br>Хулоса, мақола аз диди илмӣ камбудиҳои ҷиддӣ дорад: набудани ҳадафу масъалаҳои равшан, таҳлили қиёсӣ ва назариявӣ, такя ба манбаъҳои кӯҳна, таҳлили кам аз таҷрибаи амалӣ ва хулосаҳои заиф ва номуътамад.<br>2. Мақолаи **Абдуғанизода Бахтиёр Абдуғанӣ таҳти унвони «Ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқии тарафҳои шартномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ»**, ки дар саҳифаҳои 252 то 260 маҷаллаи илмию сиёсии «Идоракунии давлатӣ» ба табъ расидааст (тақриздиҳанда Ғафурзода А.Д., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор).<br>Натиҷаҳои экспертиза далолат мекунад, ки мақола дорои камбудиҳо ва норасоиҳои ҷиддии зерин мебошад:<br>- дар мақола аз қонунгузории миллӣ (КНА ҶТ, ОНА ҶТ, Қоидаҳои ҳамлу нақл ва ғайра) ба таври пурра иқтибосҳои зиёд оварда шудаанд, ки онҳо асосан такрори санадҳои меъёрӣ мебошанд, на таҳлили илмӣ. Дар мақола асосан бо шарҳдиҳии моддаҳо ва бандҳо маҳдуд гаштааст, ки арзиши назариявӣ ва илмиро коҳиш медиҳад;<br>- дар мақола номи санадҳои ҳуқуқӣ ба таври ихтисор (масалан, КНА, ОНА) оварда шудааст, вале шарҳи он пешниҳод нагардидааст. Ин ҳолат метавонад хонандаро дучори мушкил созад;<br>- дар мақола номи санадҳои ҳуқуқӣ ба таври ихтисор оварда шуда (КНА, ОНА), шарҳи онҳо дода нашудааст. Ҳолати мазкур |

| | |
|---|---|
| | хонандаро роҳгум мезанад;<br>- муаллифро мебоист доир ба масъала хулосаи шахсӣ ва таҳлили муқоисавӣ пешниҳод намояд, аммо бар хилофи ин қоида танҳо нақли моддаҳои қонунгузорӣ сурат гирифтааст;<br>- манбаи таҳлили мақола бисёр маҳдуд буда, асоси мақола такя ба бозгӯи қонунгузории миллӣ аст, дар ҳоле, ки мебоист таҷрибаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва кишварҳои дигар таҳлил мегардиданд. Масалан, конвенсияҳои байналмилалӣ (CMR 1956, Конвенсияи Женева ва ғ.) зикр шудаанд, вале мавриди таҳлили амиқ қарор нагирифтаанд;<br>- мақола бештар хосияти тавсифӣ ва бозгӯӣ касб намудааст, на таҳлилӣ. Аз таҷрибаи судӣ ё амалия мисол оварда нашудааст. Яъне, муаллиф ба пайваст кардани назария ва амалия кӯшиш накардааст;<br>- муаллиф танҳо аҳамияти ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқиро таъкид намудааст, вале пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати бозбинии қонунгузорӣ мавҷуд нест. Яъне, зикр нагардидааст, ки дар ин самт дар қонунгузории миллӣ кадом камбудҳо мавҷуданд ва барои ислоҳи онҳо чи корҳоро бояд анҷом дод;<br>- мафҳуми ҷавобгарии ҷиноятӣ, маъмурӣ ва интизомӣ танҳо номбар шуда, муқоисаи назариявӣ ва амалии онҳо бо ҷавобгарии шартномавӣ сурат нагирифтааст. Ин ҳолат боис гардидааст, ки мақола аз лиҳози илмӣ нопурра бимонад;<br>- дар мақола истинодҳо ба адабиёти илмӣ ва манбаъҳои ҳуқуқи маданӣ хеле маҳдуданд. Асосан, муаллиф бо истинод ба меъёрҳои кодекс ва оиннома маҳдуд шудааст. Набудани манбаъҳои илмии хориҷӣ ва назарияҳои олимони муосир низ ба илмияти мақола таъсири манфӣ расонидааст;<br>- ҷумлаҳои дар мақола нигошташуда аксаран нақл аз қонунгузориаанд, ки ба хушку номуносиб гардидани забони мақола оварда расонидааст. Ҳол он ки мақола бояд бо услуби таҳлилӣ, мантиқӣ ва хулосабардорӣ навишта шавад;<br>- дар мақола бандҳои Оинномаи нақлиёти автомобилӣ нодуруст ишора шудаанд. Масалан, бандҳои 356–357 ба ҷойи 536–537 оварда шудаанд, ки ба эътимоди махзанҳои илмии истифодашуда ва дурустии маълумоти пешниҳодшуда таъсири манфӣ мерасонад;<br>Хулоса, мақолаи мазкур на илмӣ-таҳлилӣ, балки бозгӯӣ ва тавсифии ҳуқуқӣ аст. Овардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бе баҳодиҳии шахсӣ ва муқоисавӣ арзиши илмӣ ва амалии мақоларо зери суол бурдааст. Ҳамзамон, набудани хулосаҳо ва таклифҳои амалии мушаххас илмияти мақоларо бисёр заиф намудааст.<br>3. Мақолаи **Рахматова З.М. ва Бобоев Д.Р. таҳти унвони «Некоторые вопросы предмета административного судопроизводства (теоретико-правовой анализ)»**, ки дар саҳифаҳои 274 то 281 маҷаллаи илмию сиёсии «Идоракунии давлатӣ» ба табъ расидааст (тақриздиҳанда Санавваров Ғ.Б.., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент).<br>Натиҷаҳои экспертиза далолат мекунад, ки мақола дорои камбудиҳо ва норасоиҳои ҷиддии зерин мебошад:<br>- муаллифон асосан ба андешаҳои олимони рус такя карда, таҷрибаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалияи судҳои ватаниро нодида гирифтаанд;<br>- мафҳуми «административное судопроизводство» ба таври ягона муайян нашудааст. Дар матн якчанд нуқтаи назар оварда шудааст, вале муаллифон ба хулосаи мустақили худ намерасанд. Аз ин рӯ, мақола хосияти тавсифӣ дорад, на таҳлилӣ;<br>- дар як мақола тақрибан ҳар параграф бо истинод ба дигарон пур карда шудааст, ки маънои аз меъёр зиёд будани иқтибосҳоро дорад. Ин боиси коҳиши саҳми шахсии муаллифон мегардад;<br>- дар мақола ягон таҳлил аз амалияи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди баррасии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва баҳсҳои маъмурӣ оварда нашудааст. Дар ҳоле ки ин ҷанбаи муҳим ва зарурӣ мебошад;<br>- дар анҷоми мақола муаллифон танҳо ҷамъбасти назарияҳои дигаронро меоранд, бе он ки роҳи ҳалли мушаххаси назариявӣ ё |

| | |
|---|---|
| | амалиро пешниҳод кунанд;<br>- баъзан дар як порча ба се-чор муаллиф пай дар пай истинод дода мешавад, ки хонанда фикр мекунад мақола бештар маҷмуаи иқтибосҳо аст, на кори мустақил;<br>- мақола ба муқаддима, асос ва хулоса ҷудо нашудааст. Ин ба хонанда фаҳмидани мантиқ ва пайдарҳамии фикрро душвор мегардонад.<br>Хулоса, мақола бештар хусусияти тавсифӣ дорад, такя ба сарчашмаҳои хориҷӣ ва иқтибосҳо зиёд аст, маводи амалӣ ва хулосаҳои мустақил каманд.<br>4. Мақолаи илмии **Калонов Ф.М. таҳти унвони «Таносуби ҳуқуқ, ахлоқ ва сиёсат дар таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ»**, ки дар саҳифаҳои 282 то 289 маҷаллаи илмию сиёсии «Идоракунии давлатӣ» ба табъ расидааст (тақриздиҳанда Раупова М.Т., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ). Натиҷаҳои экспертиза далолат мекунад, ки мақола дорои камбудиҳо ва норасоиҳои ҷиддии зерин мебошад:<br>- мақола бештар ба нақли матни таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ такя кардааст, вале таҳлил, муқоиса ва хулосабарории илмӣ қариб ки ба назар намерасад;<br>- меъёрҳои дақиқи илмӣ (масалан, ҷудо кардани объект, предмет, ҳадаф, вазифа ва усулҳои таҳқиқ) равшан нишон дода нашудаанд;<br>- мақола бо осори дигар мутафаккирон ва андешаи муосир (масалан, назарияи давлат ва ҳуқуқ ё фалсафаи сиёсии муосир) муқоиса карда нашудааст;<br>- танҳо ишора ба баъзе мактабҳои калом, машшоия, суфия ва ғайра вуҷуд дорад, вале таҳлили амиқ ва илмӣ сурат нагирифтааст;<br>- дар мақола ба сарчашмаҳо ишора мешавад (бо рақам ва саҳифа), аммо рӯйхати адабиёт пурра ва мураттаб нест;<br>- баъзе иқтибосҳо ва таъкидҳо дақиқ нестанд ва ба талаботи илмӣ мутобиқат надоранд;<br>- муаллиф бештар тавсиф мекунад, вале арзёбии танқидӣ ва пешниҳодҳои назариявӣ ё амалиро кам баён мекунад;<br>- натиҷаи илмии мақола ҳамчун дастоварди нав ба назар намерасад, балки бештар хусусияти тавсифӣ ва таърихӣ дорад;<br>- забон дар баъзе мавридҳо  печида ва пуртакрор аст, ки мутолиа ва илмиятро кам мекунад;<br>- ҷо-ҷо иборaҳои бадеӣ ва ирфонӣ истифода шудаанд, ки барои мақолаи илмӣ он қадар ҷоиз нест;<br>- мақолаи илмӣ аз лиҳози мавзуъ ва мундариҷа ба ихтисоси 12.00.01- Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқ аст. Бо вуҷуди ин, тақриздиҳанда мутахассиси ихтисоси 12.00.03-Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ баромад намудааст. Эҳтимол меравад, ки маҳз номувофиқии тахассуси тақриздиҳанда бо самти илмии мақола боиси заиф гардидани сатҳи илмият ва таҳлили назариявии он шудааст;<br>- номи мақола ба муҳтаво мутобиқат дорад, зеро матн асосан ҳамин се мафҳум (ҳуқуқ, ахлоқ ва сиёсат)-ро дар осори Алии Ҳамадонӣ дар бар мегирад. Вале мувофиқати он қисман маҳдуд аст, зеро матн бештар хусусияти тавсифӣ ва фалсафӣ дорад ва робитаи таносубии ҳуқуқ, ахлоқ ва сиёсат бо таҳлил ва хулосаҳои нав ба таври кофӣ нишон дода нашудааст. |
| **25.** | **Паёми Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов ISSN:2709-6238**<br>*-Аз соли 2017 то соли 2021 шумораҳои № 2 ва 4 дар сомона ҷойгир карда нашудааст, ки ин хилофи банди 16-и Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои илмии  тақризшаванда мебошад. |
| **26.** | **“ Осиё ва Аврупо” ISSN:2790-7198**<br>*Аз соли 2019 то соли 2020 шумораҳои № 3 ва 4 дар сомона ҷойгир карда нашудааст. Пеш аз муҳлат шумораҳои 3 ва 4 соли 2025-ро |

| | |
|---|---|
| | дар сомона нашр кардаанд. Муовини сармуҳаррир дар сомона иваз карда нашудааст, ки хилофи талаботи банди 21-и Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшаванда мебошад. |
| **27.** | **“Паёми ҳуқуқ” ISSN:2790-7570**<br>Дар сомонаи маҷалла имкони интихоби забони тоҷикӣ вуҷуд надорад. Тибқи талаботи банди 21-и Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои тақризшаванда сомонаи маҷалла бо забони тоҷикӣ низ бояд фаъол бошад. |
| **28.** | **“ Модару кӯдак” ISSN:2618-8430**<br>+/+*Дар соли 2019 шумораҳои № 3,4, соли 2021 шумораҳои 2 ва 3, соли 2022 шумораҳои 2,3,4 ва дар соли 2025 бошад шумораи 2 дар сомона ва Elibrary ворид карда нашудааст. Дар сомонаи маҷалла имкони интихоби забони тоҷикӣ вуҷуд надорад. Тибқи талаботи банди 21-и Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои тақризшаванда сомонаи маҷалла бо забони тоҷикӣ низ бояд фаъол бошад. |
| **29.** | **“ Маҷаллаи илмӣ-тиббии АвруОсиё «Сино» ISSN: 2707-5265**<br>+* Дар солҳои 2020 шумораҳои № 2,3,4 ҷойгир карда нашудааст. Дар сомонаи маҷалла имкони интихоби забони тоҷикӣ вуҷуд надорад. Тибқи талаботи банди 21-и Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои тақризшаванда сомонаи маҷалла бо забони тоҷикӣ низ бояд фаъол бошад. |
| **30.** | **“Паёми Донишгоҳи омузгорӣ” (бахши илмҳои табиӣ) ISSN: 2707-9996.**<br>Дар тамоми мақолаҳои дар шумораи №1-2025 батабърасида талаботи банди 18-и Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои илмӣ риоя нагардидааст, яъне тибқи талабот бояд мақолаҳои илмӣ тақриз дошта бошанд ва дар зери мақолаҳо ному насаби тақризнавис дарҷ гардад; Ҳамчунин, дар мақолаҳои банашррасидаи маҷаллаҳои мазкур хулосабанди дида намешавад. Масалан дар мақолаи Муҳаббатов Х.М. таҳти унвони “Баъзе масъалаҳои ҳифзи муҳити зист вобаста ба тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон”, ки дар саҳифаҳои 7-16 ба чоп расидааст, дар он ҳамагӣ 5 рӯйхати адабиёт истифода гардидааст, ҳол он ки тибқи банди 12 талаботи худи маҷалла рӯйхати адабиёт бояд на кам аз 10 адаро ташкил намояд. Ҳамзамон, чунин ҳолат дар саҳифаҳои 134, 182, 210, 216, 238 дида мешавад. Имлои забони тоҷикӣ дар саҳифаҳои 8,33,37 ва дар саҳифаи 85 талаботи ГОСТ риоя нагардидааст. Хатогиҳои болозикр дар шумораи №2-2025 – и маҷалла ба назар мерасад. Масалан, риоя нагардидани имлои забони тоҷикӣ дар саҳифаҳои 7, 9, 11, 25, 47, 48 ва ғайраҳо ба назар мерасад. Талаботи рӯйхати адабиёте, ки дар банди 12-и Қоидаҳои таҳияи мақола оварда шудааст, дар саҳифаҳои 13,44, 83, 90 ва ғайра ба пуррагӣ риоя карда нашудааст. Илова бар ин, дар мақолаи Каримзода И.С. таҳти унвони “Миқдори умумии нитроген ва крахмал дар баргҳои растании пахта дар шароити норасоии намии хок” ки дар саҳифаҳои 276-280 (дар маҷмуъ 5 саҳ, аммо дар талаботи банди 3 **Қоидаҳои таҳияи мақолаҳо** оварда шудааст, ки ҳаҷми мақола аз 10 то 16 саҳифаро ташкил намояд) ба чоп расидааст. Ҳамчунин, дар калимаҳо ва ибораҳои забони тоҷикӣ ҳарфи русӣ ба монанди “цитоплазма, процесҳо, бисьёр” рӯи чоп баромадааст. Дар мақолаи мазкур ба ҷойи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон навишта шудааст. |
| **31.** | **“Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз” ISSN:2075 – 9584**<br>Тибқи талаботи банди 1.1. ҳаҷми мақолаҳои ба чоп тавсияшаванда бояд аз 10 то 15 саҳифа зиёд бошад, мутаассифона дар маҷалла мақолаҳое ба чашм мерасанд, ки талаботи мазкур риоя нашудааст. Масалан:<br>1. Мухаммад Абдурахмон Навруз- Нормативно-правовая основа, регламентирующая функционирование ШОС (8- саҳ)<br>2. Талбаков Саидаҳтам Исроилович - Вижагиҳои сиёсати минтақавии ИМА дар Осиёи Марказӣ (9-саҳ)<br>Дар бештари мақолаҳо адабиётҳои овардашуда ба пуррагӣ мавриди истифода нашудаанд. |

| | |
|---|---|
| **32.** | **“ Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон” ISSN:2707-8000**<br>Талаботи асосӣ ба мақолаҳои илмие, ки ба маҷаллаи илмии «Паёми донишгоҳи технологии Тоҷикистон» барои чоп пешниҳод мегарданд оварда шудааст, ки муҳтавои асосӣ (Аннотатсия) на кам аз 7-10 ҷумла, калимаҳои калидӣ на кам аз 10 калима ва маълумот дар бораи муаллиф (рақами телефон ва e-mail) бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бошад, аммо дар баъзе мақолаҳо талаботи мазкур риоя нагардидааст. Масалан, дар мақолаи Иргашев Т.А., Ниятбекзода Ф.Л - Рушди қутоспарварӣ дар ноҳияи Мурғоби вилояти Мухтори кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар саҳ 17-22 рӯи чоп омадааст, дида мешавад, ки Аннотатсия бо ду ҷумла ифода ёфтааст ва калидвожаҳо 5 калимаро ташкил мекунад. Ба ҳамин мазмун дар мақолаи Холиқов И.О., Ишматов А.Б. - Интихоб ва тадқиқи маводҳои полоишӣ (саҳифаи чоп 84-88) хатогии болозикр такрор ёфтааст. |
| **33.** | **“Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” (силсилаи илмҳои табиӣ)ISSN: 2663-6417**<br>дар мақолаҳое, ки дар маҷаллаи илмии мазкур пешниҳод гардидааст бахши хулосаҳо ҷудо карда нашудааст, инчунин мақолаҳо тақриз надоранд, ки хилофи талаботи банди 18 Қоидаи таҳияи феҳрист мебошад;<br>дар тасвирҳои саҳифаҳои 51, 52, 98, 99, 105, 110 маҷаллаи илмӣ (№1 шумораи 45) соли 2025 маълумоти пешниҳодгардида бо забони хориҷӣ аст ё сифати паст доранд, ки он барои хонанда нофаҳмо монда, дар натиҷа таҳлилу мутолиаи маводи таҳқиқгардида имконнопазир мешавад.<br>дар интишори мақолаҳои нашршуда талаботи ГОСТ ба пуррагӣ риоя нагардидаст. Масалан, гузоштани ТДУ ё УДК дар мақолаҳои саҳифаҳои 17, 54, 73, 76, 80, 84, 108 ва ғайраҳо ба куллӣ риоя карда нашудааст. |
| **34.** | **“ Паёмномаи фарҳанг” ISSN:**2306- 6423<br>Сомонаи маҷаллаҳо тибқи талаботи банди банди 21-и Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои тақризшаванда бояд бо 3 забон таҳия шавад, вале сомонаи маҷаллаи мазкур то кунун бо 2 забон (тоҷикӣ ва русӣ) амал мекунад;<br>тибқи талаботи банди 6-и Қоидаҳои таҳияи маҷаллаҳои илмии тақризшаванда нашрияҳои воридгардида бояд ба махзанҳои байналмилалии маълумоти реферативӣ ва низомҳои иқтибосоварӣ ҷойгир карда шаванд.<br>+*мутаасифона шумораҳои соли 2025 то ҳол дар сомонаи Elibrary ҷойгир карда нашудааст. |
| **35.** | **“Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон” ISSN:2414-9217**<br>Дар мақолаҳои маҷаллаи мазкур адабиётҳои зиёд дида мешавад, ки ҳамчун иқтибос дар зери матн ҷойгир карда шудаанд.<br>Дар рӯйхати адабиёт ҳангоми истифода намудани сарчашмаҳои интернетӣ санаи мурочиат (дар шумораи №2, соли 2025 саҳ. 46) дарҷ карда нашудааст. |
| **36.** | **“ Паёми Донишгоҳи Хоруғ” ISSN: 2664-5696**<br>+/+*Дар сомонаи маҷалла шумораҳои соли 2025 (бахши илмҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ) ҷойгир карда нашудааст. Дар сомонаи Elibrary бошад ду шумораи соли 2025 ҷойгир нашудааст, ки хилофи талаботи банди 6 ва 21-и Қоидаҳои таҳияи Феҳристи маҷаллаҳо мебошад.<br>Дар рӯйхати адабиёте, ки сарчашмаҳои интернетӣ истифода мегардад бояд санаи мурочиат дарҷ гардад. Аммо дар мақолаи Абдураҳмонова Ш.У. - Семантикаи вожаҳои ифодакунандаи «сарпӯш» дар забонҳои шуғнонӣ ва англисӣ, ки дар саҳифаи 11-18 рӯи чоп омадааст санаи мурочиат зикр нагардидааст. Дар саҳифаҳои 27, 33, 60, 87... , амали зикргардида баръало ба чашм мерасад.<br>Бахши илмҳои гуманитарии маҷалла аз рӯи самтҳои 07.00.00. - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ, 10.00.00 - Илмҳои филологӣ ва 08.00.00. - Илмҳои иқтисодӣ фаъолият кунад ҳам, аммо дар саҳифаи 209 мақола бо номи ТАРБИЯИ ВАТАНДУСТӢ ВА РОҲҲОИ |

| | |
|---|---|
| | ТАШАККУЛИ ОН ДАР ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ (муаллиф Хоҷаев М.А.) рӯи чап баромадааст, ки ба самти илмии интихобнамудаи маҷалла рост намеояд. |
| **37.** | **“ Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ” ISSN:2616-5260**<br>Сомонаи маҷалла дорои 3 забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) буда, дар он равзанаи забони тоҷикӣ фаъол намебошад ва дар сомона ба ҳайси сармуҳаррир *Мирализода Абдусалом Мустафо нишон дода шудааст, вале дар саҳифаи маҷаллаи шумораи №2-2025* Сафарзода Мунир Ватан оварда шудааст.<br>+/+*Шумораҳои солҳои 2024-2025 дар сомонаи Elibrary то кунун ҷойгир карда нашудааст. Тибқи талаботи худи маҷалла рӯйхати адабиёт на кам аз 15 номгӯйро ташкил кунад, аммо дар бештари мақолаҳо талаботи мазкур риоя карда нашудааст. Масалан, дар мақолаи Абдуллоев М.Х. - Аз таърихи муттаҳидшавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ (с.1960-1962), ки дар саҳифаи 5-8 шумораи №2 соли 2025 ба чоп расидааст чунин амал дида мешавад. Чунин ҳолат дар саҳифаҳои 82, 95, 101, 105, 180 низ мавҷуд аст.<br>Ҳамзамон, қобили зикр аст, ки маҷаллаи мазкур аз рӯи се самти илм Таърих ва Бостоншиносӣ, Педагогика ва Филология фаъолият намояд, ҳам дар бархе аз мақолаҳо ба самти маҷалла мувофиқат намекунад. Масалан, дар самти педагогика мақолаи Сафарова С.С., Назаров Т.Х. - Корҳои селексионии ҷуворимакка (хӯроки чорво) оид ба гирифтани маводи сабз дар шароити ҷанубии Тоҷикистон дар солҳои 2023- 2024 (саҳ. 102) чоп шудааст, ки ба самти кишоварзӣ тааллуқ дорад. |
| **38.** | **“Паёми Донишгоҳи давлатии Данғара” ISSN:2410-4221:**<br>Тибқи талаботи баррасмиятдарории рӯйхати адабиёти истифодашудаи маҷалла бояд аз на камтар аз 5 ва на зиёда аз 10 адабиётро дарбар гирад. Аммо дар шумораи №2 соли 2025 мақолаи Умаров С.Ҳ. – “Таҳқиқ намудани муодилаи интегро –дифференсиалии тартиби сеюм бо ядрои сингулярӣ бо истифода аз табдилоти интегралии меллин”, ки дар саҳифаи 5-16 чоп шудааст, дар маҷмуъ 20 рӯйхати адабиёт зикр гардидааст. Вале, муаллиф танҳо адабиётҳои [7], [8] [9] , [10], [18], [19], [20]-ро истифода намуда, дигар адабиётҳои овардашуда истифода нагардидаанд. Маҷаллаи мазкур аз рӯи 3 самти илми “Математика, Физака, Химия” фаъолият менамояд. Мутаассифона, дар шумораи №1 соли 2025, дар саҳифаи 10 – 28 мақолаи Шарипова Ф.А. таҳти унвони “Ташаккули тафаккури математикии омӯзгорони оянда математика тавассути ҳалли масъалаҳои ҳамгироии математика ва физика” рӯи чоп баромадааст, ки он асосан ба самти илмҳои таҳсилот тааллуқ дорад.<br>Бо ҳамин мазмун мақолаи Шарифов Б.Л. “Усулҳои аниматсия дар 3D моделсозӣ” дар саҳифаҳои 29 – 37 рӯи чоп омадааст, ки ба самти интихобнамудаи маҷалла мувофиқ намеояд. Беҳтар мешуд, ки мақолаи мазкур дар самти илмҳои 05.13.18 – амсиласозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплексҳои барномаҳо чоп мешуд. |
| **39.** | **“Паёми Донишгоҳи омузгорӣ” (бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ) ISSN:2710-4672**<br>Тибқи талаботи банди 3 ҳаҷми мақола якҷо бо аннотатсия ва рӯйхати адабиёт бояд аз 10 то 16 саҳифа бошад. Аммо мақолаҳое ба чашм мерасанд, ки то 6 саҳифаро дар бар мегирад. Масалан, мақолаи Саидова Н. Н. - Моҳияти иҷтимоӣ ва фалсафии ҷавонон ҳамчун гурӯҳи махсуси демографӣ дар шароити ҷомеаи муосир (саҳ 41-46);<br>Султонзода М.О. - Фазилати саодат дар ҳикмати амалии Насируддини Тусӣ (6 саҳифа) |

| | |
|---|---|
| **40.** | **“ Паёми Донишгоҳи забонҳо” ISSN:2226-9355**<br>Дар маҷаллаи мазкур мақолаҳое рӯи чоп омадаанд, ки дар онҳо хатоҳои грамматикӣ ва маъноӣ бештар дида мешавад. Масалан, мақолаи Аслонов Ҳ.З., Мираkзода Ф.Ю. бо номи “Нақши равшанфикрон ва ҷадидони тоҷик дар худшиносӣ ва бедории миллӣ”, ки дар саҳифаи 398-407 чоп шудааст, зиёда аз 20 хатои имлоӣ дида мешавад.<br>Дар мақолаи Мирсаидова Г.Т. бо номи “Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федратсияи Россия” дар соҳаи санъат, ки дар саҳифаи 433-437 ба чоп расидаанд зиёда аз 14 хатои имлоӣ ва грамматикӣ дида мешавад. Ҳамзамон, тибқи талабот мақолаҳо бо дарназардошти адабиёт ва аннотатсия бояд дар ҳаҷми 10 то 15 саҳифа бошад ва рӯйхати адабиёт аз 10 адад кам набошад. Мутаассифона, дар шумораи №2 соли 2025 дар саҳифаҳои 156-161 (6 саҳифа), 185-189 (5 саҳифа бо 8 адабиёт), 214-218 (4 саҳ бо 7 адабиёт), 438-442 (5 саҳифа) ва ғайраҳо рӯи чоп омаданд, ки ба талабот мувофиқат намекунад. |
| **41.** | **“ Паёми Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов” ISSN:2709-6246**<br>Тибқи талаботи банди 21-и Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои тақризшаванда сомонаи маҷаллаҳо бояд бо 3 забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) фаъолият намояд, аммо сомонаи маҷаллаи мазкур танҳо бо забони русӣ фаъолият менамояд, ки ин хилофи талаботи зикршуда мебошад. |
| **42.** | **“ Масъалаҳои илмҳои гуманитарӣ” (АМИТ) ISSN: 2708-308X**<br>Дар шумораи №2, соли 2025-и маҷалла мақолаи Офаридаев Н.- Ташаккули гидронимияи Кӯҳистони Бадахшон дар самти ***забоншиносӣ*** нашр гардидааст, ки ба самти интихобнамудаи маҷалла рост намеояд.<br>Дар шумораи №1, соли 2025 камбудиҳои бандубасти техникии маҷалла бештар ба назар мерасад, аз ҷумла, саҳифапартоӣ. Илова бар ин, тибқи талаботи банди 4.5. ГОСТ Р 7.0.7-2021 мақолаҳои ба чопрасида бояд дорои УДК бошад, вале дар саҳифаҳои 72, 79, 89, 98, 119 маҷаллаи мазкур УДК ё ТДУ гузошта нашудааст. |